# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Палавонов Амоншо Муминович дар мавзӯи "Баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) пешниҳод мегардад.

Педагогикаи муосир тақозо дорад, ки дар раванди таълим технологияҳои нави иттилоотию инноватсионӣ ба талаботи зинаҳои таҳсилот ҷавобгӯ коркард шуда, дар хонандагон қобилияти фикррони, ташаккули маҳорати зеҳнию тафаккурӣ, маърифатнокии илмию техникиро ташаккул диҳанд. Истифодаи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ дар раванди таълим ба хонандагон имкон медиҳад, ки маводи омӯзиширо вобаста ба муҳиммият ва зарурат дастрас ва мутолиа намоянд.

Мавзӯи интихобкардаи Палавонов Амоншо Муминович таҳқиқи масъалаи методикаи таълими фанни таърихи халқи тоҷикро бо истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ, омодагии касбии омӯзгор ба фаъолияти педагогӣ дар шароити ислоҳоти мактаби миёна ва роҳҳои баланд бардоштани фаъолияти хонандагон дар синф ва машғулиятҳои беруназсинфӣ дар дарси таърихи халқи тоҷикро дар бар мегирад.

Кори диссертатсионии Палавонов А. дар доираи муқаддима, ду боб ва хулосаи умумӣ таълиф гардидааст. Дар муқаддимаи рисола муҳаққиқ муҳимияти мавзуъ, дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, саҳми муаллиф дар таҳқиқот, татбиқи натиҷаҳо, эътимоднокӣ ва асоснокии он муфассалу возеҳ кушода додааст.

Интихоби мавзӯи мазкурро унвонҷӯ бо набудани системаи консептуалии истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ мавриди таълими таърихи халқи тоҷик бо хонандагони синфҳои болоӣ дар дарсҳо ва машғулиятҳои беруназсинфӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ асоснок намуда, таваҷҷӯҳи омӯзгоронро ба такмили маҳорати касбӣ бо истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар методикаи таълими фанни таърихи халқи тоҷик равона намудааст.

Ба ақидаи унвонҷӯ Палавонов А. маҳз истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ ҳалли масъалаҳои муҳими дар раванди баргузории фанҳои таълимӣ, махсусан баландбардории самаранокии таълими фанни таърихи халқи тоҷикро таъмин менамоянд. Арзиши тадқиқот дар он аст, ки дар он хусусиятҳои асосии методикаи истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар дарси таърихи халқи тоҷик ва машғулиятҳои

беруназсинфӣ ҳамчун навсозии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ асоснок шудааст.

Навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот мувофиқи фарзия ва ҳадафҳои тадқиқот пешниҳод шудаанд. Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодшуда бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмперии таҳқиқот, натиҷаҳои корҳои озмоишӣ, нуктаҳои дар фарзияи таҳқиқот пешниҳодшуда, ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии таҳқиқот мутобиқ буда, саҳми шахсии унвонҷӯ ба ҳисоб мераванд.

Дар маҷмуъ, унвонҷӯ Палавонов А. ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намуда, бартарии истифодаи технологияҳои муосири инноватсиониро дар дарси таърихи халқи тоҷик ҳамчун яке аз шароитҳои асосии таъмини сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудааст.

Ҳамчун роҳбари илмӣ дар мавриди сифатҳои шахсии унвонҷӯ бояд тазаккур дод, ки дар давоми фаъолияти илмиаш Палавонов Амоншо сифатҳои беҳтарини муҳаққиқро нишон дода, минимумҳои номзадиро бомуваффақият супорида, оид ба мавзӯи тадқиқот мақолаҳо чоп намудааст. Мавзӯи илмии Палавонов А. бо фаъолияти омӯзгории ӯ зич алоқаманд буда, мавриди тадриси фанни таърихи халқи тоҷик масъалаи мазкурро мавриди таҳқиқ қарор додаст.

Дар давраи таҳия ва омода намудани рисолаи илмӣ унвонҷӯ теъдоди назаррраси адабиёти илмиву психологӣ ва педагогиро роҷеъ ба мавзӯи таҳқиқ мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, масъулиятшиносиву кордонӣ, суботкориву ҳадафмандӣ, сатҳи баланди қобилияти тадқиқотӣ ва мустақилиятро аз худ нишон дод.

Таҳқиқоти Палавонов А. рисолаи мустақили тахассусии илмиест, ки дар он ҳалли як масъалаи муҳим, ки барои илм ва амалияи педагоги зарур аст, таҳқиқ гардидааст. Рисола ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 ҷавобгӯ арзёбӣ гардида, барои дифоъ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) тавсия мешавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ,
мудири шуъбаи педагогика ва психологияи
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ Л.Иматзода

24.05.2024с.

Имзои Л.Иматзодаро тасдиқ мекунам.
Мудири шуъбаи кадр ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф Х.Ҳакимова